# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН







СУРОҒА:
ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.
234-85-46, 234-85-44
СУРОҒАИ ЭЛЕКТРОНӢ:
http://www.tguk.tj, qabulddtt@mail.ru



**106**

**РАМЗИ ДОНИШГОҲ**








*Дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо татбиқи низоми кредитӣ ба як қатор дастовардҳо ноил шудаанд. Дар давоми панҷ соли охир дар донишгоҳи мазкур дигаргуниҳои куллӣ ба миён омаданд. Аз ҷумла робитаи донишгоҳ бо муассисаҳои таълимии кишварҳои хориҷӣ вусъат ёфта, заминаи моддиву техникии он хеле беҳтар шудааст.*

*Донишгоҳ барои гузаштан ба низоми нав мутахассисони хориҷиро ҷалб карда, ҳамзамон бо ин, барои таҷрибаомӯзии устодони донишгоҳ дар дигар кишварҳо имконият пайдо кардааст ва дар натиҷаи ҷорӣ кардани низоми мазкур ба баланд гардидани сифати таълим муваффақ шудааст.*

*(Аз суханронии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи Дониш)*

## Донишгоҳи мо – оияндаи дурахшони Шумо!

*Миссия* - рушди технологияҳои инноватсионии таълим дар соҳаи иқтисодиёт ва идоракунӣ, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва салоҳияти касбӣ, ҳифз ва афзун намудани арзишҳои иҷтимоию фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ дар асоси ҳамгироии таҳсилоти олӣ ва фаъолияти илмию таҳқиқотӣ.

**Донишгоҳ соли 1987 таъсис ёфта,
дорои воҳидҳои сохтории зерин мебошад:**

- Донишкадаи иқтисод ва савдо дар шаҳри Хуҷанд;
- Литсей;
- 4 факултет;
- 12 маркази тестӣ бо 800 компютер;
- Маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ;
- Шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ;
- Маркази бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;
- Маркази компютерӣ;
- Озмоишгоҳи маҳсулоти хӯроки омма;
- Озмоишгоҳи молшиносӣ ва муоинаи молҳо;
- Китобхона ва китобхонаи электронӣ;
- Матбааи хурди «Тоҷир»;
- Маҷмааи варзишӣ;
- Хобгоҳ барои донишҷӯён;
- Маркази хизматрасонӣ ва дастархондорӣ;
- Ошхона.



# КЛАСТЕРҲО ВА ИХТИСОСҲО

### КЛАСТЕРИ 1

1-91 01 01 01 – Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ

### КЛАСТЕРИ 2

1-26 02 03 – Маркетинг
1-25 01 10 04 – Фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори берунӣ
1-26 02 02 – Менеҷмент
1-89 01 01 – Саёҳат ва меҳмондорӣ
1-25 01 04 04 – Суғурта
1-25 01 05 – Омор
1-25 01 09 – Молшиносӣ ва муоинаи мол
1-40 01 02 02 – Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисод)
1-25 01 12 – Информатикаи иқтисодӣ
1-25 01 10 26 – Иқтисодиёти рақамӣ
1-25 01 07 05 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо
1-25 01 07 31 – Иқтисодиёти бизнеси электронӣ
1- 26 02 01 01 – Бизнес маъмуриятчигӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат
1-96 01 01 03 – Бехатарии иқтисодӣ
1-25 01 04 03 – Андоз ва андозбандӣ
1-25 01 04 02 – Кори бонкӣ
1-25 01 04 – Молия ва қарз
1-25 01 08 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит
1-25 01 08 01 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳ
1-25 01 11 – Аудит ва ревизия
1-25 01 03 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ
1-96 01 01 – Хадамоти гумрукӣ

### КЛАСТЕРИ 3

1-23 01 02 05 – Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (робитаҳои иқтисодии берунӣ)

### КЛАСТЕРИ 4

1-23 01 01 03 – Ташкили робитаҳои байналмилалӣ
1-24 01 01 – Ҳуқуқи байналмилалии тиҷоратӣ
1-24 01 03 – Ҳуқуқи иқтисодӣ
1-24 01 02 04 – Ҳуқуқи андозу бонкӣ
1-24 01 02 05 – Ҳуқуқи гумрукӣ
1-24 01 02 16 – Ҳуқуқи иттилоотӣ

**РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР ДОНИШГОҲ БО ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ БА РОҲ МОНДА ШУДААСТ.**

**ДДТТ - ТАШКИЛОТИ БАЗАВИИ ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ**



## Ҷавобҳо ба саволи «Чаро ман бояд маҳз Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистонро интихоб намоям?»

**1.** *Донишгоҳ дорои заминаи моддӣ-таълимии муосир, иқтидори пурқуввати илмӣ-омӯзгорӣ ва тадқиқотиву инноватсионӣ мебошад;*
**2.** *Донишгоҳ дорои ду Шӯрои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ мебошад;*
**3.** *Донишгоҳ кадрҳои баландихтисосро аз дараҷаи бакалавр то доктори илм омода менамояд;*
**4.** *Дар донишгоҳ парки технологӣ, марказу озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз бо таҷҳизоти замонавии таълим фаъолият доранд;*
**5.** *Донишгоҳ нахустин шуда дар ҷумҳурӣ ба татбиқи технологияи кредитии таҳсил ва таҳсилоти фосилавӣ огоз намуд;*
**6.** *Донишгоҳ аввалин шуда дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ соҳиби аккредитатсияи барномавии байналмилалӣ гардидааст;*
**7.** *Дар донишгоҳ гурӯҳҳое ташкил карда шудаанд, ки раванди таълим дар онҳо пурра бо забони англисӣ ба роҳ монда шудааст;*
**8.** *Донишгоҳ бо зиёда аз 60 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷи кишвар ҳамкорӣ менамояд ва донишҷӯён дар доираи созишномаҳои ҳамкорӣ ва барномаҳои байналмилалӣ имконияти васеи таҳсил дар донишгоҳҳои кишварҳои ИДМ, Аврупо, Осиё ва Амрикоро доранд;*
**9.** *Дар тӯли 5 соли охир беш аз 20 нафар донишҷӯи донишгоҳ голиби озмуни олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гардидаанд;*
**10.** *Хатмкардагони донишгоҳ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар дар вазифаҳои роҳбарӣ ва масъулиятнок фаъолият доранд;*
**11.** *Дар донишгоҳ фаъолияти тарбиявӣ-фарҳангӣ дар сатҳи баланд ба роҳ монда шудааст. Дастаи донишҷӯёни донишгоҳ «Тоҷири Аҷам» голиби озмуни ҷумҳуриявии «Маҳфили зарифон» аст;*
**12.** *Маҷмааи варзишии донишгоҳ ва гузаронидани мусобиқаҳои гуногун имкон медиҳанд, ки донишҷӯён ба тарзи ҳаёти солим фаро гирифта шаванд.*

